**Номи курс: Фаъолияти иқтисоди берунаи корхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

(*Foreign economic activity of enterprises in the Republic of Tajikistan*).

**Week 16.** Export and import operations of international services, organization and operation of joint-stock companies in Tajikistan

**lecturer: Rustamzoda Fitrat Muzafar**

# **МАВЗӮИ 16.** АМАЛИЁТҲОИ СОДИРОТИЮ ВОРИДОТИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ, ТАШКИЛУ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАҲОИ САҲОМӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

16.1. Нақши корхонаҳои саҳомӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ

16.2. Ангезаҳо барои ташкили корхонаҳои саҳомӣ

16.3. Асосҳои иқтисодии фаъолияти корхонаҳои саҳомӣ

**Мақсади лексия:** муайяннамоии нақши корхонаҳои саҳомӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ, ангезаҳо барои ташкили корхонаҳои саҳомӣ ва асосҳои иқтисодии фаъолияти корхонаҳои саҳомӣ ва нақши он дар иқтисодиёти Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

## 16.1. Нақши корхонаҳои саҳомӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ

Яке аз шаклҳои асосии дар савдои байналмилалӣ ин корхонаи саҳомӣ ба шумор рафта, дар он шарикон аз мамлакатҳои гуногун дар асоси муштарак ва ба муддати тӯлонӣ бо мақсади ба даст овардани фоида аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулот ё хизматрасонӣ ташкилоти тиҷоратӣ таъсис медиҳанд ва ҳуқуқ ба ҳиссаи фоида, иштирок дар идоракунӣ саҳми назарраси хешро мегузоранд. Корхонаҳои саҳомӣ барои мамлакатҳое, ки сармояи хориҷиро ҷалб мекунанд, шакли самарабахши сармоягузории мустақими хориҷӣ ба ҳисоб меравад, зеро барои сармоягузориҳо баргардонидан ва пардохти фоизҳо эҳтиёҷ нест ва баргардонидани сармояи гузошташуда дар раванди ба амал баровардани натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолӣ амалӣ карда мешаванд.

Дар ибтидо шакли асосии савдои байналмилалӣ савдои мол башумор мерафт.

Мактаби классикҳои назарияи иқтисодӣ ба таври боварибахш исбот намуданд, ки мамлакате, ки дар тараққиёти қувваҳои истехсолкунандаи худ дар асоси тақсимот ва кооперасияи меҳнат муваффақиятхо ба даст овардааст, дар мубодилаи мол дар бозорҳои хориҷӣ нисбат ба дигарҳо бартарӣ пайдо кардаанд.

Оҳиста оҳиста иқтисодиёти ҷаҳони ба марҳилаи нави рушди тиҷоратӣ дар асосии ҳамкориҳои дарозмуддати истеҳсолию илмии байни корхонаҳои мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон ворид гардид. Дар муомилоти савдои кутоҳмӯддат фурушанда товони пулии арзиши аслии маҳсулотро дар бозор ба даст меовард, назоратро аз болои истифодабарии он гум мекард, инчунин аксар вакт имконияти ҳамкориҳои минбаъдаро аз даст медод.

Чунки барои истеҳсолкунандагон чандон фоидабахш набуд, зеро фуршанда дар чунин муомилоти кутоҳмудат ҳамеша суд мекард ва истеҳсолкунанда ба зиён рӯ ба рӯ мегардид, ки барои истеҳсолкунанда чунин тарзи савдо диқатҷалбкунанда ва самаранок ба шумор намерафт. Дар оянда хавфҳои зиёд бавуҷуд меомаданд, ба монанди рақибони пуртаҷриба ва монополистҳо ки онҳо маҳсулотҳое истеҳсол мекарданд, ки бисёр душвор ва муракаб ба шумор мерафт ва дар бозор рақобатпазир шуморида мешуданд. Дар шароити муосир, самараи истеҳсоли маҳсулоти мураккаб аз ҷониби истеҳсолкунандаи ниҳоии он гирифта мешавад. Дар навбати худ сармоягузорон аллакай дарк намуданд, ки ба ҷои фурухтани молҳо, иҷозатномаҳо ва ноу-хау онҳо бояд пеш аз ҳама сармоягузориҳои дарозмудатро бо корхонаҳои гуногун ба роҳ монанд, ба монанди тадқиқот, тарҳрезӣ, истеҳсол, фурӯши маҳсулот. Дар ҳолати самаранок сармоягузорӣ намдуан барои истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳо он ҳадафҳои гузошта шуда пурра иҷро мегарданд. Сармоягузор метавонад суди бештаро ба даст биорад.

Сабабҳои дигари муҳоҷирати сармоя ба хориҷа дар он зоҳир меёбад, ки нобаробар тақсим шудани сарватҳои табиӣ, аҳолӣ, тафовути таърихии неруи илмию техникӣ, маълумот ва тахассуси коргарон мебошад.

Ташаккули босуръати марҳалаи нави интернасионаликонии иқтисодиёт бо истеҳсол ва ба бозори ҷаҳонӣ пешниҳод намудани маҳсулоти миёна дар шакли кооперасияи технологии байниширкатӣ ва аутсорсинг алоқаманд аст муҳим арзёби гардидааст. Ҳаҷми интиқоли фаромарзии ҷузъҳо имрӯз дар як сол 2 триллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад ва ҳама аутсорсинг 24% арзиши саноати ҷаҳонии истеҳсолиро дар бар мегирад.

Ширкатҳои трансмилии модарӣ, ки барои ба даст овардани бартариятҳо дар ҳамаи марҳилаҳои сармоягузорӣ кӯшиш менамуданд ва ба инкишофи интенсивии истеҳсоли байналхалқии маҳсулоти мобайни, яъне воридкунии иқтисодиёти ҷаҳонӣ, аз ҷумла дар шакли корхонаҳои муштарак шуруъ намуданд.

Ба андешаи мутаххасисони Форуми Ҷаҳонии Иқтисодӣ Давос 2008, аутсорсинг, бахусус дар саноати истеҳсолӣ, аллакай худро яке аз омилҳои асосии рушди ҷаҳонӣ тавассути тақсими самараноки захираҳои маҳдуди ҷаҳонӣ байни корхонаҳои тиҷоратӣ ва минтақаҳои ҷуғрофӣ бо назардошти хароҷоти муқоисавии истеҳсолот нишон дода аст. Яке аз бартариҳои асосии аутсорсинг дар он зоҳир меёбад, ки истеҳсоли ҷузъҳо на танҳо барои кишварҳои пешрафта ва ширкатҳои бузург, балки барои бисёре аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва инкишофёта ва тиҷорати хурду миёна дастрас мебошад.

Дар ин замина суръати сармоягузории хориҷӣ низ бо суръати баланд рушд менамуд. Дар давоми 10 соли охир сармоягузориҳо нисбат ба ММД се баробар ва назар ба муомилоти савдои байналхалқӣ ду баробар зиёд шуданд. Ин равандҳо барои рушди соҳибкории муштараки байналмилалӣ шароитҳои мусоид фароҳам оварданд.

Корхонаҳои саҳомӣ аз дигар шаклҳои кооперасия ба кулии фарқ менамояд – яъне дар ҳамбастагӣ фаъолият кардани шарикони кишварҳои гуногуни ҷаҳон дар корхона дар асоси қарорҳои ҳуқуқӣ барои истеҳсоли

якҷояи маҳсулот ва хизматрасониҳо. Чунин шаклҳои ҳамкории байналмилалӣ дорои як қатор афзалиятҳо мебошад. Ба онҳо чунин шаклҳо дохил мешаванд:

1. муттаҳид намудани унсурони пурзуртарини қувваҳои истехсолкунандаи шарикон;
2. мавҷуд набудани низоҳ дар бозорҳои хориҷӣ;
3. ҳамкориҳои дарозмуддати судманд ба ҳамдигар.

Дар солҳои охир ҳаёти сармояи асосии то 3-5 сол коҳиш ёфтанд ва 80-90 фоизи маҳсулоти нави истеҳсолнамудаи технологияҳо барои баргардондани маблағҳои харҷшуда имкон пайдо накарданд ва ҳаминхел молҳои истеҳсолкарда оҳиста оҳиста аз бозорҳо нест гардиданд. Яке аз роҳҳои бартараф намудани чунин тамоюлҳо тавассути истеҳсоли муштараки байналмилалӣ мебошад. Зеро имконият фароҳам меорад, ки хароҷоти истеҳсолот кам карда, суръати рушди сармоя зиёд гардад ва рақобатпазирии маҳсулот дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ баланд гардад.

Дар савдои байналмилалӣ корхонаҳои саҳомӣ аз лиҳози бартариҳои худ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифта буд. Ширкатҳои трансмиллӣ дар навбати худ корхонаҳои саҳомро ҳамчун сохтори амудии кооперативии дохилиширкати барои истихроҷ, коркарди ашёи хом ва истеҳсоли маҳсулоти тайёр дар мамлакатхои тараққиёбанда истифода мебурд ва тавасути чунин корхонаҳо ҳадафҳои ширкатро дар бозор ва мамлакатҳои тарақикарда амалӣ менамуд. Муносибатҳои иқтисодии бошад дар байни мамлакатҳои тараққикарда дар асоси ҳамкориҳои уфукии байниширкати тавассути ташкили картелҳо ва синдикатҳо барои ишғоли бозорҳои фурӯши дохили ва берунӣ ба роҳ монда шудаанд. Чунин тарзи ҳамкорӣ муттаҳидшавии самараноки дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ ва бартарии рақобатпазириро дар бозори ҷаҳонӣ мустаҳкам менамуд. Баъди ба дастовардани таҷрибаҳои ҷаҳонӣ аксарияти мамлакатҳои рушдёбанда дар асоси корхонаҳои саҳомӣ саноати ҳозиразамони миллиро ташкил медоданд, ки ин пеш аз ҳама ба иқтисодиёти мамлакатҳои тарақикарда фоидаи зиёдеро ба бор меовард ва

онҳо молҳои истеҳсолнамудаи хешро тибқи стандартҳои байналмилалӣ омода мекарданд ва ба бозорҳои ҷаҳони интиқол медоданд.

Дар нимаи дуюми асри 20 рушди босуръати корхонаҳои саҳомӣ диққати классикони назарияи иқтисодии ҳозираро ба худ чалб намуд. Онҳо корхонаҳои саҳомиро воситаи бе низоъ ба бозорҳои хориҷӣ ворид шудани корхонаҳои ШТМ арзёбӣ намуданд. Олими барҷастаи америкоӣ, Ҷон Гэлбрейт дар асари илмии худ «Назарияҳои иқтисодӣ ва ҳадафҳои ҷомеа» навиштааст, ки ширкатҳои байналмилалӣ муҳаррики тағйирот мегарданд ва низоми нақшавӣ эҷод мекунанд. Дар навбати худ вазифаи асосии корхонаҳои саҳомӣ устувории ширкатҳои трансмиллиро дар бозорҳои гуногун нигоҳ медоранд. Нақши калони корхонаҳои саҳомиро дар муносибатҳои байналхалкии иқтисодӣ дигар олимони намоёни америкоӣ ба монади Х.Перлмутер, Р Вернон, К Кариган, Ҷ. Дуннинг дар асарҳои илмии хеш ба таври васеъ шарҳ додаанд.

### 16.2. Ангезаҳо барои ташкили корхонаҳои саҳомӣ

Дар таҷрибаи тиҷорати байналмиллалӣ маҷмӯи нисбатан маҳдуди қарордоҳо ва мантиқан истифода намудани онҳо муайян гардидааст.

Қарордодҳои асосии байналмилалӣ инҳоянд:

- содироту воридоти маҳсулот ва хизматрасонӣ;
- истеҳсол намудани маҳсулот;
- литсензиякунонии байналмилалӣ;
- лизинги байналмилалӣ;
- корхонаҳои муштарак;
- корхонаҳои хориҷӣ.

Аломати муттаҳидкунандаи қарордодҳои мазкур ҳадафи онҳо ба ҳисоб рафта: баровардани мол ба бозорҳои ҷаҳониро дарбар мегирад. Аз ин рӯ, ҳамаи қарордодҳои зикршуда бо ҳам ивазшаванда буда, истифодаи ҳар яки онҳо аз рӯи ҳадафҳои шарикон ва имкониятҳои ноил шудан ба онҳо муайян карда мешавад.

Дар муқоиса бо амалиётҳои дохилӣ, қарордодҳои байналмилалӣ хавфҳои бештарро доро мебошад. Аз ин рӯ, ҳангоми ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ, соҳибкорон аввал бештар ба соҳибкорони муваффақ пайравӣ мекунанд: онҳо фаъолияти хешро аз хурдтару гаронтар оғоз менамоянд ва баъдтар вақте, ки таҷриба пайдо намуданд, ба гаронтару мураккабтар мегузаранд, зеро дар онҳо таҷриба, боварӣ ва маблағ ҳосил мегардад.

Корхонаҳои саҳомӣ яке аз муомилоти мураккабтарин ва гаронарзиш ба шумор меравand, зеро онҳо сармоягузории мустақимро дар фазои иқтисодии хориҷӣ, муддати тӯлонии сармягузорӣ менамоянд, ки хавфҳои баландро дар бар мегиранд. Чунин ҳолатҳо хусусиятҳои ҳамкории шариконро муайян менамоянд.

Корхонаҳои саҳомӣ дар асоси принсипҳои зерин таъсис меёбанд:

- ҳар як шариконе, ки ба корхонаҳои таъсисдода, ки моликияти муштарак ва идоракуниро ба вуҷуд меоварад, сармоягузорӣ менамояд;
- Корҳои муштарак барои муддати тӯлонӣ тарҳрезӣ шуда, дар асоси шартномаи басташуда, танзими тамоми ҷанбаҳои фаъолият: интихоби шакли ташкилию ҳуқуқии корхона, ҳадафҳои фаъолият, ташаккули дастгоҳи идоракунӣ, тақсимот ва вазифаҳои идоракуниро муайян менамоянд ва омода мегарданд;
- хар як шарик ҳуқуқи гирифтани ҳиссаи фоида аз фаъолияти соҳибкориро доро мебошад ва дар идоракуни корхона иштирок мекунад ва сармоягузорӣ менамояд.

Дар ҳолати баробар будани сармоягузориҳо, шарикон аз кишварҳои гуногун амалиёти камтари хавфнок ва гаронарзиши содироту воридотро интихоб мекунанд. Аммо дар таҷрибаи савдои байналмилалӣ сабабҳои зиёд мавҷуд аст, ки намегузорад чунин муомилотҳо имконнопазир гарданд.

Сабабҳои асосии афзалият додани муомилотикорхонаҳои муштарка нисбат ба дигар намудҳои муомилоти тиҷорати хориҷӣ инҳоянд:

- мавҷуд будани маҳдудият ё манъи воридоти ҳама гуна маҳсулот дар кишвари мавриди ҳадаф қарордошта;
- коҳиш додани талабот ба сармоя ва хавф нисбат ба муомилоти таъсиси корхонаи хориҷӣ;
- хатари баланди таъсис додани корхонаҳои хориҷӣ ё манъи чунин корхонаҳо дар қонунгузории маҳаллӣ;
- Пайдо кардани маъруфият аз ҷониби шарики хориҷӣ дар кишвари мавриди ҳадаф қарордошта, тавассути корхонаҳои муштарак;

Хусусиятҳои корхонаи саҳомӣ таъсисдодашаванда пеш аз ҳама бо сатҳи иқтисодӣ ва технологии рушди мамлакатҳое, ки шарикон ба онҳо тааллуқ доранд, муайян карда мешавад. Ҳамин тариқ, дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ корхонаҳои саҳомӣ барои кам кардани хароҷот тавассути истифодаи технологияҳои пешрафта, пешбурди маҳсулоти воридотӣ ба бозорҳои кишварҳои сеюм, одатан дар ҳоли рушд, аз байн бурдани рақибон дар кишварҳои худ ва рушди маҳсулоти баландтехнологӣ таъсис дода мешаванд. Шарикон аз кишварҳои пешрафта дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ барои аз худ намудани бозорҳои нав, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот аз ҳисоби кам кардани хароҷот ва истеҳсоли маҳсулоти арзон корхонаҳои саҳомӣ таъсис медиҳанд.

Таҷрибаи чахонӣ нишон медиҳад, барои таъсис ва ташкил додани корхонаи саҳомӣ аз якчанд мушкилотҳои чиддие вобаста аст, ки бо сабабҳои объективӣ ба амал меоянд.

Якум, шарикони муассис аз кишварҳои гуногун метавонанд сатҳҳои гуногуни технологияро истифода намоянд, ки барои татбиқ намудани чунин лоиҳаҳои баландтехнологи мушкили эъҷод менамоянд.

Дуюм, кормандони ширкат метавонанд дорои тахассусҳои гуногун, қобилиятҳои омӯзишӣ ва мутобиқати касбиро доро бошанд.

Сеюм, муассисон дорои имкониятҳои гуногуни молиявӣ ва иқтидори истеҳсолӣ мебошанд, ки метавонанд барои расидан ба ҳадафҳои сеюм монеаҳо эъҷод намоянд.

Чаҳорум, шарикон на ҳамеша аз ҷиҳати ҳадафҳо, фурӯш ва сиёсати сармоягузорӣ ба ҳамдигар ба мувофиқат мерасанд, ҳар яки онҳо фикрҳои хешро доро мебошанд.

Панҷум, қонунгузории як қатор мамлакатҳо, ки сармоягузориро қабул менамоянд, метавонад озодии фаъолияти сармоягузорони хориҷиро дар соҳаҳои гуногун: сармоягузорӣ, фурӯш, асъор ва ғайра маҳдуд намоянд.

Барои кам кардани оқибатҳои чунин мушкилотщо дар шароити тиҷорат, шарикон бояд қобилиятҳои эҳтимолӣ ва қобилияти расидан ба ҳадафҳои худро бодиққат таҳлил намоянд.

## 16.3. Асосҳои иқтисодии фаъолияти корхонаҳои саҳомӣ

Дар муомилоти байналмилали корхонаи саҳомӣ асосноккунии дақиқтари иктисодиро талаб менамояд. Дар асоси таҳия намудани нақшаи соҳибкорӣ амалӣ мегардад. Таҳия ва татбиқи лоиҳаи сармоягузории корхонаи саҳомӣ аз чор марҳиларо дар бар мегирад: сармоягузории пешаки, сармоягузорӣ, амалиётӣ ва барҳамдиҳӣ.

Дар марҳилаи якуми сармоягузории пешаки номгӯ ва ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда муайян карда мешавад, тадқиқоти маркетингӣ гузаронида мешавад ва бозорҳои фурӯши онҳо, технологияҳои истеҳсолӣ, таҷҳизоти зарурӣ, манбаъ ва нақшаҳои маблағгузорӣ муайян карда мешаванд, маълумотҳои монанд тартиб дода, хисобу китоби соҳибкориро муайян менамоянд. Мавқеи асосиро дар ин марҳила рушди портфели фармоишҳо ва асосноккунии даромади сармоягузориҳо аз ҷониби сармоягузорон амалӣ мегардад.

Дар марҳилаи сармоягузорӣ тарҳи муҳандисӣ, сохтмонӣ ва технологӣ, анҷом дода мешавад, таҷҳизот харидори гардида, насб ва танзим карда мешавад, кадрҳо омӯзонида мешаванд ва корхонаи муштарак барои фаъолият намудан омода мешавад.

Дар раванди ба фаъолият шуруъ намудани иқтидорҳои истеҳсолӣ ва ворид намудани таҷҳизотҳои замонавӣ фаъолияти корхонаро беҳтар менамояд.

Рушди фаъолияти корхонаҳои саҳомӣ ин нақшаи соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад, ки ташаккулёбии он аз якчанд омилҳо иборат мебошад:

- самаранок маблағгузорӣ намудан ва татбиқи лоиҳаи корхонаи муштаракро амалӣ намудан;
- ба нақшагирии ҷорӣ ва ояндабинии фаъолияти корхона ва рушди он;
- Ҷалби бештари сармоягузорон ва бонкҳои ҷаҳонӣ барои амали намудани лоиҳа;
- ба сармоягузори хориҷӣ пешниҳод намудаи лоиҳа ва онҳоро барои ҳамкориҳои судманд бовар кунонидан;
- Дастгири ёфтан аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ.

Барои амалӣ намудани нақшаи соҳибкорӣ бояд чунин омилҳоро дар бар гирад:

- хулоса;
- хусусиятҳои корхона ва стратегияи рушди он;
- шарҳи мухтасари маҳсулоти истеҳсолшуда;
- стратегияи маркетингӣ;
- нақшаи истеҳсолот;
- нақшаи ташкилӣ;
- нақшаи сармоягӯзорӣ;
- ҷадвали амалисозии лоиҳа;
- арзёбии самаранокии лоиҳа.

Яке аз ҷузҳои муҳими амалишавии лоиҳа ин хулосаи он ба шумор меравад, ки дар он асосии лоиҳа иникос гардидааст ва натиҷаҳои мушахассро дар нақшаи соҳибкорӣ ба таври муфассал нишон дода шудааст. Вазифаи асосии нақшаи соҳибкорӣ дар он зоҳир меёбад, ки дар он шакли мухтасари натиҷаҳо ва нишон додани моҳияти лоиҳа иникос гардидааст.

Хулосаи нақшаи соҳибкорӣ баъд аз омода гардидани тамоми бахшҳои лоиҳа таҳия мегардад ва на бештар аз 4 ё 7 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар фасли якуми лоиҳа вобаста ба «хусусиятҳои асосии корхона ва стратегияи рушди он» маълумот дар бораи ташкилкунандагон, мақсади

асосии таъсиси корхонаи муштарак, номгӯи маҳсулот, ҳаҷми истеҳсолот, хусусияти технология ва навоварии таҷҳизотҳои замонавии истифодашаванда ва нишондодҳои асосии фаъолияти молиявию хочагӣ корхона нишон дода шудааст. Ҳангоми шарҳи стратегияи рушд самтҳои асосии такмил додани истеҳсолот ё тағир додани маҳсулот нишон дода мешавад.

Дар фасли дуюм бошад, «шарҳи маҳсулот» яъне тавсифи асосии маҳсулот оварда шудааст; доираи татбиқ, хосиятҳои истеъмолӣ, функсионалӣ ва фурӯш, мувофиқ будан ба стандартҳои миллӣ ва байналмилалии сифат, талабот ба кафолат, хидматрасониҳои пеш аз фурӯш ва пас аз фурӯш, дараҷаи навоварӣ ва мавҷудияти патентҳо, иҷозатномаҳо ва шаҳодатномаҳоро дар бар мегирад.

Дар фасли сеюм вобаста ба «стратегияи маркетингӣ» ва нақши он дар амалӣ гардонидани нақшаи соҳибкорӣ ва мавқеи он дарҷ гардидааст, ки яке аз бахшҳои муҳим башумор меравад. Дар ин бахш шарҳи умумии бозорҳои пешниҳодшудаи фурӯши маҳсулот ва пешгӯии динамикаи рушди он, муайян намудани омилҳое, ки ба тамоюлҳои рушди бозор таъсир мерасонанд ва саҳми корхонаҳоро дар бозорҳо асоснок мекунад, хусусиятҳои асосии маҳсулотро, ки рақобатпазирии онро муайян мекунанд ва мавқеи рақибонро арзёби менамояд нишон дода шудааст.

Дар фасли дигари лоиҳа бошад, яъне «нақшаи истеҳсолот» барномаи он ҳисоб карда шуда,  номенклатура ва хаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда, ҳаҷми фурӯши маҳсулот, иқтидорҳои зарурии истеҳсолӣ, захираҳои моддию техникӣ ва энергетикӣ ҳисоб карда мешаванд. Дар ин бахш муҳимтарин таъминкунандагони ашёи хом ва масолеҳ нишон дода шуда, усулҳои шартҳои пардохти асосии онҳо муайян карда мешаванд.

Дар байни муассисони корхонаи саҳомӣ ба сифати саҳмгузорӣ ба сармояи оинномавӣ корхона истифода бурдани молу мулке, ки ҳуқуқи ихтиёрдории онҳо маҳдуд аст, ба монанди (ҷамъовардашудаи маблағҳои қарзӣ ва қарзҳо), инчунин имижҳои соҳибкорӣ, паст задани обрӯ ва робитаҳо

иҷозат дода намешавад, зеро онҳоро бо пули нақд арзёбӣ намудан мумкин нест. Дар сармояи оинномавии ҶСК ё ҶСП сармояи зеҳнӣ наметавонад намояндагӣ намояд, зеро онро бо саҳмияҳо таъмин кардан ғайримкон аст.

Баъди бақайдгирии корхонаи муштарак сармояи оинномавӣ он бояд дар соли якуми 50 фоиз ва дар соли дуюм 100 фоизро ташкил намояд. Зеро ннро метавонад аз ҳисоби давраҳои фаъолияти корхонаи муштарак ва аз ҳисоби фоида, инчунин аз ҳисоби саҳмгузории иловагии муассисон таъмин намояд.

Дар ташкил ва фаъолият намудани корхонаи муштарак як қатор камбудӣ ва мушкилотҳои ташаккули сармояи оинномавӣ ошкор карда шудаанд:

1. Шарикони махаллӣ, тибқи қоида бояд баҳодиҳии ҳуқуқи истифодабарии замин ва сарватҳои табииро дуруст нишон диҳанд, аммо барои дуруст нишон додан онқадар кӯшиш намекунанд.
2. Саҳмдорони хориҷӣ манфиатдор мебошанд, ки арзиши сармоягузории худро баланд бардоранд.
3. Шарикони маҳалӣ талош мекунанд, ки бартарии сармоягузорони хориҷиро ҳангоми таҳияи оиномаи корхона иҷозат надиҳанд, зеро фаъолияти корхонаи саҳомиро назорат намуда тавонанд.

**Хулоса:** Даромади асосии ва рушду ташаккули корхонаи саҳомӣ ва ҳавасмандгардонии коллективи кормандони он бадаст овардани фоида ба шумор меравад. Дар шароити муосир ҷалби сармоягузорӣ ва таъсиси корхонаҳои саҳомӣ яке аз шартҳои муҳим барои иқтисодиёти мамлакат ба шумор меравад, зеро дар ҳолати таъсиси чунин корхонаҳо метавонад барои ворид намудани технологияҳои муосир заминаи хуб фароҳам оварад.

**Саволҳо барои мустаҳкамкунии мавзӯъ:**

1. Мафҳуми корхонаҳои саҳомиро шарҳ диҳед?
2. Афзалиятҳо ва нуқсонҳои корхонаи саҳомиро ҳамчун шакли тиҷорати байналмилалӣ номбар намоед?